Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. (735140, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзӯи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)**

Ба асри XXI гузариши босуръат аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ хос аст ва ин ғузариш тақозо менамояд, ки раванди таълим ба принсипҳои салоҳиятнокии касбӣ мутобиқ гардонида шавад. Системаи маорифи Тоҷикистон низ дар шароити кунунии рушди ҷомеа дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус таҳсилоти олии касбӣ, бо нигаҳдории дастовардҳои қаблии хеш, бар пояи имкониятҳои бавуҷудомадаи гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот, муносибати босалоҳиятро ба таълими донишҷӯён роҳандозӣ карда истодааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои хеш пайваста оид ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим таъкид менамоянд. Аз ҷумла, ӯ дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2018) «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавонон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ, ибрози андеша намуда, қайд мекунанд: «Мо ба соҳаи илму маориф эътибори аввалиндараҷа дода, ислоҳотро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бомаром идома медиҳем».

Дар таҳқиқоти мазкур масъалаи бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ имрӯзҳо яке аз соҳаҳои босуръат инкишофёбанда буда, бозиҳои мазкур шакли маъмули таъминоти барномавӣ ба шумор мераванд. Дар замони муосир бозиҳои компютерӣ-коромӯзӣ на танҳо воситаи фароғатанд, инчунин онҳоро вобаста ба синнусол ҳамчун воситаи васеъ истифодашавандаи таълим низ баррасӣ кардан мумкин аст, ки ин далелро теъдоди рӯзафзуни таҳқиқотҳои илмӣ, ки бозиҳо дар онҳо ҳамчун воситаи таълим баррасӣ карда мешаванд, тасдиқ мекунад.

Истифодаи мувофики технологияхо имрӯз барои бисёр ширкатхо воситаи хаётан муҳими ноил шудан ба муваффақиятхо ва инчунин хабардор шудан аз дастовардҳои навтарини технологӣ дар бозор аст.

*Ҳадафи асосии тадқиқоти диссертатсионӣ* исботи назариявӣ ва санҷиши экспериментали истифодаи бозиҳои коромӯзии компютерӣ (минбаъд – БКК) дар ҷараёни таълими муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ.

*Саҳми шахсии довталаб* аз он иборат аст, ки ӯ бори аввал дар заминаи таҳлилу ташхиси тадкикотҳои илмии психологӣ-педагогӣ низоми зеҳнии мутобикшавандаи раванди таълим бо истифодаи БКК дар таълимӣ фанҳои тадрисшавандаро муайян намудааст; имкониятҳои татбики курси ҳамгирои «Самаранок истифода бурдани бозиҳои коромӯзӣ дар компютер бо максади омӯхтани технологияҳои муосир» бо истифодаи БКК дар ҷараёни таълими фанҳо бо дастрасӣ ба сарчашмаҳои маводи электронӣ мукаррар кардааст; заминаҳои ташаккули малакаҳои ибтидоии барномасозии донишҷӯёни мактаби олии муосирро таҳлил ва арзёбӣ намудааст; натиҷагирӣ аз кори озмоишӣ-таҷрибавӣ, ки дар рисолаи илмӣ ва интишороти муаллиф инъикос гардидаанд, минбаъд дар таҳкику баррасии паҳлуҳои илмӣ-методии масъалаи пажуҳишшуда мусоидат хоҳанд кард.

*Навгониҳои илмии тадқиқот* аз он иборат аст, ки ҳангоми таҳкики асосҳои педагогии истифодаи БКК дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ:

1. Мафҳуми сохтор ва моҳияти усулҳои истифодаи БКК дар ҷараёни таълими фанҳо ба донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ошкор карда шуд.
2. Имкониятҳои инкишофи салоҳиятнокии иттилоотию компютерии донишҷӯён бо истифодаи БКК дар муҳити иттилоотию таълимӣ муайян гардиданд.
3. Барои истифодаи БКК ва воситаҳои технологӣ дар реҷаҳои онлайн ва офлайн дар муҳити иттилоотию таълимӣ, инчунин технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҳамгироӣ бо намудҳои гуногуни фаъолияти таълимии донишҷӯён-омӯзгорони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд.
4. Шароитҳои педагогии истифодаи БКК (барномавию мазмунӣ, методӣ, шахсиятию инкишофдиҳанда, аксиологӣ ва таъминкунандаи самаранокӣ), ки ба мутобикгардонии ҷараёни омодагии донишҷӯён равона шудаанд, муайян гардиданд.

*Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот* дар омӯзиши назариявии сатҳи ташаккули салоҳиятнокии иттилоотию компютерӣ бо истифодаи БКК самти навро мекушояд, яъне: таҳия, татбик ва истифодаи самараноки

БКК дар чараёни омодагии касбии омӯзгорони оянда мутобиқи талаботҳои муосири таълимӣ.

Бахусус, асосҳои методологии таҳқиқот аз ду ҷиҳат муфид шуда метавонад. Якум, аз таҳқиқот бармеояд, ки омӯзгорон на ҳамеша дар ҷараёни дарс бозӣ-симуляторро дуруст татбиқ ва истифода карда метавонанд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, ин таҳқиқот ба онҳо дар ин ҷараён бо баррасии ҳаматарафаи омилҳои ошкоршуда ёрӣ расонда метавонад. Омӯзгорон метавонанд интизориҳои донишҷӯёнро беҳтар дарк карда, аз таҷрибаи омӯзгорони дигар сабақ гиранд ва усулҳои дарсгузариро такмил диҳанд. Дуюм, мо ба ин таҳқиқот ҳамчун ҳиссагузорӣ дар соҳаи таҳқиқотҳои илмӣ баҳо медиҳем. Он барои анҷом додани таҳқиқотҳои дигар ё таҳияи васоити таълимӣ дар муҳити таълими компютерӣ замина фароҳам оварда метавонад.

*Боби якуми диссертатсия* «Асосҳои назариявии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ» ба ташкили пойгоҳи адабиётӣ барои таҳлил равона гардида, аз муҳокимаи алоҳидаи консепсияҳои бозӣ ва моделсозӣ оғоз мeёбад ва ба бозиҳо-симуляторҳо гузашта, ба БКК ва истифодаи онҳо дар ҷараёни таълими мактаби олӣ диққати махсус медиҳад. Дар идома бартариҳо ва норасоиҳои БКК пешниҳод шуда, илова ба ин, назария ва равишҳои таълим низ баррасӣ ва якчанд воситаҳои таълим муаррифӣ карда мешаванд.

*Дар зербоби 1.1.* «Асосҳои назариявии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ» зимни таҳқиқи таҷрибаи истифодаи бозиҳои компютерии таълимӣ ва бозиҳои дидактикӣ дар ҷараёни таълим ошкор гардид, ки истилоҳи «бозиҳои компютерии коромӯзӣ» пештар дар таҷрибаи таълим истифода намешуд. Барои муайян намудани нишонаҳои муҳими бозиҳои компютерии коромӯзӣ мафҳумҳои «бозии дидактикӣ», «бозии коромӯзӣ», «бозии компютерӣ», «бозии компютерии таълимӣ» ва «бозии компютерии коромӯзӣ»-ро фарқ кардан лозим аст. Зиёда аз ин, бо дигар воситаҳои таълимии дар дарс истифодашаванда хуб мутобиқат доштани БКК ва риоя шудани таносуби ҷоиз бо таълими амалӣ ва назариявро мо шарти хеле муҳим меҳисобем. Инчунин, ба бозӣ масъалаҳои мубрамро илова кардан лозим аст, то ин ки донишҷӯён ба қабули пешниҳодҳои инноватсионӣ ҳамеша омода бошанд.

*Дар зербоби 1.2.* «Заминаҳои рушди технологияҳои компютерӣ дар татбиқи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ» қайд мешавад, ки БКК функсияҳои таълимӣ ва инкишофдиҳанда доранд.

Ин далел ба натиҷаҳои таълиме, ки дар донишомӯзӣ ва мувофиқи сатҳи таҳсилот азхудкунии малакаю мустақилият асос ёфтааст, ишора

мекунад ва тағири самти низоми таҳсилотро бо роҳи гузариш аз модели ба омӯзгор нигаронидашуда ба модели ба донишҷӯ нигаронидашуда талаб менамояд. Яъне, тағири усулҳои таълим ва таҳияи стратегияҳои мусоидаткунанда ба инкишофи салоҳияту малакаҳо на танҳо дар сатҳи илмӣ, балки дар сатҳи ахлоқию шахсӣ.

*Зербоби 1.3.* ба масъалаҳои «Шароитҳои психологию педагогии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ» бахшида шуда, дар асоси таҳлил хулоса бароварда шуд, ки дар ҷараёни таълим бо истифодаи БКК механизмҳои ҳамкории донишҷӯён бо системаи бозӣ дар заминаи мутобиқати онҳо ба механизмҳои идораи сенарияҳо, иҷрои сенарияҳо, баҳодиҳии натиҷаҳои ҷории таълим ва таҳлили натиҷаҳои таълим бояд ба назар гирифта шаванд.

*Дар боби дуюм* «Заминаҳои методии амалисозии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ» мо кӯшиш ба харҷ додем, ки сабабҳои ихтилоф дар афкори омӯзгорон ва донишҷӯёнро таҳлил карда, баъзе далелҳоро аз нуқтаи назари шахсии онҳо пешниҳод намоем. Ба ғайр аз ин, омилҳои муҳими муваффақият муайян гардиданд, ки омӯзгорон онҳоро ҳангоми татбиқи БКК дар ҷараёни таълими мактаби олӣ бояд ба назар гиранд.

*Бо воситаи зербоби 2.1.* «Роҳу воситаҳои амалисозии истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ» муайян гардид, ки дар маҷмӯъ онҳо БКК-ро ҳамчун воситаи хуби таълим қабул мекунанд ва мо чунин мешуморем, ки нисбат ба онҳое, ки аз БКК истифода намебаранд, маҳз омӯзгорон ба БКК баҳои беҳтар дода метавонанд, чунки онҳо таҷрибаи амалӣ доранд.

Таҳлили таҷрибаи кори омӯзгорон дар асоси саволнома барои донишҷӯён ва омӯзгорони мактабҳои олӣ гузаронда шуд. Миқдори умумии донишҷӯёне, ки дар озмоиши педагогӣ иштирок карданд, 60 нафарро ташкил дод. Инчунин дар озмоиш 10 нафар омӯзгорони мактабҳои олӣ иштирок карданд.

*Дар зербоби 2.2.* «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар ҷараёни таълими омӯзгорониояндаи фанни иқтисодиёт дар мактаби олӣ» бо мақсади татбиқи БКК дар ҷараёни омодагии мутахассисони оянда дарси «Назарияи иқтисодӣ» барои донишҷӯёни курси 2-юми ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ ва идоракунӣ дар соҳаи маорифи факултети иқтисод ва идоракунии ДДОТ ба номи С.Айнӣ ташкил ва гузаронда шуд. Машғулиятҳои лабораторӣ бо истифодаи БКК “Худатро

санҷӣ гузаронида шуданд.

Ҳамин тариқ, саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омӯзиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии мавод; дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи кори озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқарраароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар таҳияи диссертатсия таҷассум меёбад.

Нуктаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ тавассути усулҳои таҳлили назариявии адабиёти илмӣ-педагогӣ, таҳлили стандартҳои таълимӣ, барномаи тайёрӣ аз рӯи фанҳои математика, информатика таҳияи барномаи таҳқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоиш, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, таснифи онҳо ва ҷамъбасткунӣ бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ-арзёбӣ, озмоиш, муқоиса, таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия ва ғайра

Бо баробари муваффақиятҳо дар рисола каме норасогиҳо низ ба назар мерасанд. Ба сифати эрод чанд нуктаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар диссертатсия оид ба корҳои олимони ватанӣ қайдҳо кам буда, таҳлили муқоисавии корҳои анҷомдодаи муаллифони ватани оварда нашудааст. Дар ҳоле, ки дар солҳои охир аз ҷониби олимон ва муҳаққиқони ватанӣ Комилиён Ф.С., Файзализода Б.Ф., Назаров А.П., Тағоев Ш.Х., Давлатов Р.Ҷ., Додоҷонов Б.Ё., Икромова И.У., Рафиев С.А., Қурбонова У.Т., Туев Ш.Ш. ва чанде дигарон рисола ва монографияҳои илмӣ таҳия гардидаанд, ки ба бобу зербобҳои диссертатсияи Умарзода Сафаралӣ Умар умумият доранд.
2. Дар зербоби 2.2.-и диссертатсия мушаххастар мешуд, хуб мебуд, ки масалан дар асоси чӣ, ва кадом барномаҳои компютерӣ талабот гузошта шудааст барои озмоишҳои педагогӣ.
3. Ба ақидаи унвонҷу то чи андоза истифодаи бозиҳои компютерию иттилоотӣ бе салоҳияти методии устод ба беҳтар гардидани раванди таълим мусоидат менамояд? Аммо саҳеҳияти он то чӣ андоза аст таҳлилу баррасӣ нашудааст.
4. Дар кори илмӣ истифодаи муштараки технологияҳои анъанавӣ ва инноватсионии таълимро дар асоси ТИК таваҷҷӯҳи бештар додан лозим буд. Аммо унвонҷӯ ин истифодаро аз мадди назар дур мондааст.
5. Новобаста аз он, ки меъёри забони адабӣ ва услуби баёни маводи

илмӣ-таҳқиқотӣ ба меъёрҳоизабони адабии ҳозираи тоҷик тибқи талабот мебошад вале баъзе хатогиҳои имлои, услубӣ ва техникӣ дар рисола ба назар мерасад.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулоса**. Натиҷаҳои илмии тадқиқоти мазкур муҳтавои асосии соҳаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ ба мазмуни бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика) пурра мувофиқ буда, бо назардошти хусусиятҳои соҳавии илмҳои педагогика, методикаи таълими информатика ва технологияҳои иттилоотӣ ба таҳлили назариявӣ ва амалии робитаҳои системавӣ ва қонуниятҳои коркарду корбурди объектҳои мураккаби тадқиқотӣ – системаҳои таҳсилотию иттилоотӣ ва махзанҳои маълумот, ки бо истифода аз усулҳои муосири коркарди иттилоот ба асоснокқунии назариявии ташкили методӣ дар шароити муосири ҷараёни таълим дар мактаби олӣ, шароитҳои татбиқ ва истифодаи технологияҳои иттилоотию компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва болобарии самаранокии идоракунии сифати таълим дар МТОК бахшида шудааст таъсири самаранок мерасонад.

Натиҷаҳои илмии тадқиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи илми педагогикаи кишвар, ки фарогири масъалаи муносибати босалоҳият дар таҳсилот ва санҷиши объективонаи дониши донишҷӯён-мутахассисони оянда равияҳои иқтисодӣ мебошанд ва дар рушди илми педагогика ва информатика саҳми босазо гузошта метавонанд.

Тасдиқи асоснокии нуқтаҳои калидии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ бар пояи методологияи таҳлили системавӣ, консепсияи илмии ташхиси компютерӣ, усулҳои назарӣ ва амалии мутобиқ ба мавзӯъ, мақсад, вазифаҳои тадқиқот ва натиҷаи озмоишҳои педагогӣ устуворона пойбарҷо буда, пойгоҳи асоснокӣ ва муътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсияро хулосаву тавсияҳои дар он шаклгирифта, натиҷаҳои илмии бо истифода аз усулҳои санҷидашудаи педагогӣ бадастомада, боэътимодӣ ва миқдори кифояи таҷрибаҳои педагогӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, озмоишҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ, вебинарҳо ва нашри маводи илмии тадқиқот ташкил додаанд.

Дар матни диссертатсия маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуалифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст. Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ

бо эътимоди кофӣ муҳтавои тадкикоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Умарзода Сафаралӣ Умар дар мавзӯи «Методикаи истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар таълими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.01. – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика), сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи
вазифаи профессори кафедраи технологияи
иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Б.Ф. Файзализода

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67. Муассисаи
давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» факултети
информатика. Тел: (+992) 988-22-00-33;
E-mail: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

Имзои Файзализода Б.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Н. Хусрав Ҷ.А. Шукурзод